# ПРОТОКОЛИ

чаласаи васеи шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 25 апрели соли 2023 №4 шаҳри Душанбе

**Иштирок доштанд:**
Лутфуллоева П. – н.и.п, муовини директори ПРМ, Иматзода Л. – д.и.п., прфессор мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, Раҳимзода Х. – д.и.п., прфессор ходими пешбари илмии шуъба, Давлатшоев И. – н.и.п., ходими калони илмии шуъба, Ҳасанзода Ю. Ю. – ходими илмии шуъба, Назиров Н. – мудири шуъба, н.и.с., Маҳкамов Д. – н.и.п., мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ, Ҷонмаҳмадова Г.Ш. – н.и.п., ходими пешбари илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии ПРМ, Азизӣ М. – д.и.п. – роҳбари илмӣ ва Нурматова Н.Л.– диссертант.

## РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Ҷаласаро мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ д.и.п., профессор Иматзода Л.М. кушода, иброз намуданд, ки дар **рӯзномаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯи муассиса** Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими

хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” пешбинӣ гардидааст.

**Роҳбари илмии** Нурматова Н. доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ мебошанд.

**Рисолаи илмиро муқарризон** Каримзода М. - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Давлатшоев И. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд.

Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисолаи худ ба унвонҷӯ Нурматова Н.Л. дода мешавад. Унвонҷӯ оид ба мубрамият, аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада мухтасар маъруза кард.

Аз ҷумла қайд гардид, ки ҷомеае, ки ба сифати таълим ва рушди зеҳният такя менамояд, хусусиятҳои воқеиро касб намуда, нақши омили ниҳоиро дар ташаккули он «сармояи инсонӣ» - шахсони соҳибмаълумот ва соҳибтаҷриба ишғол менамоянд. Дар чунин ҷомеа диққати махсус ба лаёқатмандӣ ва боистеъдодӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти инсон дода мешавад.

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт, таълиму тарбияи хонандагоне, ки лаёқати баланди зеҳнӣ доранд яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад. Дар ин самт шинохти бармаҳал, таълим ва тарбияи кӯдакони боистеъдод ва лаёқатманд яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз сабаб кӯдакони лаёқатманд ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд.

Таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои ин муаммо дар пажӯҳиш ва асарҳои олимони ватанӣ, ба монанди М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Амонов, Ш.А.Шаропов, Н.М.Юнусова, Х.М.Сабурӣ, А.М.Миралиев, О.Исломов, А.А.Азизов, М.Д.Ходжаева, А.Шералӣ ва дигарон ба назар мерасанд.

**Мақсади таҳқиқотро** таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти

иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ.

**Мавзуи таҳқиқот** – низоми педагогии таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мактабҳо дар мисоли фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур».

**Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки** дарёфту рушди қобилияти хонандагони боистеъдод ва таълиму тарбияи онҳо дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мактабҳо самаранок хоҳад буд, агар

- низоми таҳсилоти иловагӣ бо назардошти талаботи ҷомеа бояд эҳтиёҷоти таълимии ҳар хонандаи болаёқатро бо назардошти хусусияти фардӣ таъмин карда тавонад;
- низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ тарзе ба роҳ монда шуда бошад, ки мазмуни таҳсилоти миёнаи умумиро пурра гардонида тавонад;
- манфиатҳои хонандагон дар раванди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони боистеъдод равона шуда бошад;
- раванди таҳсилоти иловагӣ ба ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат намояд;

**Навгонии илмии тадқиқот:**

- масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “Кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд;
- асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда шуд;
- аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;
- бо назардошти талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардид;
- модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” коркард ва пешниҳод шуд.

Боби якум **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди**

**қобилияти хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат аст. Онҳо ба масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология, аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат ва махсусияти таълими хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дахл доранд.

Боби дуюм **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** ном доша, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби дуюм ба масъалаи **“Асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо”** бахшида шуда, дар он муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти фароҳам гардидани тамоми шароити зарурӣ барои омӯхтани илму дониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ бояд фаъолона ширкат варзанд.

Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” фаъолияти худро дар асоси ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шоҳмансур ба роҳ монда, барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат омӯзгорон- дотсентону профессорони долнишкадаву донишгоҳҳоии ҷумҳуриро ҷалб намудааст. Аксарияти таълимгирандагони ин муассисаи таҳсилоти иловагӣ хонандагони мактабҳои ноҳияи Шоҳмансур мебошанд ва тӯли чанд сол аст, ки дар он ба таълими иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Яке аз шаклҳои ҷолиби ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳоии таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву маърифатӣ ба шумор меравад. Тавассути ин чорабиниҳо омӯзгорони мактабҳо имкон пайдо миекунад, ки фориғ аз кори асосии худ бо фаъолияти ҳамкорони худ аз муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шиносӣ пайдо намоянд.

Самаранок гардонидани раванди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатми таълими хонандагони болаёқат аз бисёр ҷиҳат ба мутаҳҳид намудани самтҳои фаъолият, ташкили низоми корӣ ва баргузории чорабиниҳои муштарак вобаста мебошад. Барои боз ҳам пурратар намудану муассир гардонидани раванди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатми таълими хонандагони болаёқат модели самарабахши ҳамкорӣ таҳия карда шуд. Модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатми таълими хонандагони болаёқат як навъ объект,

раванд, падидаест, ки хусусиятҳо ва муносибатҳои асосии онҳоро инъикос мекунад.

Таҳқиқоти мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро таҳия ва ироа гардад:

1. Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мафҳуми назариявӣ ва системавӣ буда, як ҷузъи низоми мукаммали таълиму тарбия маҳсуб меёбанд ва дар асоси стандарти давлатии таҳсилот талаботи хонандагонро ба таҳсилоти босифат қонеъ мегардонад.

2. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ҳамчун низоми ягона зери таъсири мутақобила тавассути ғанигардонии мазмуни таълими якдигар амалӣ мегардад. Дар ин раванд унсури асосии он ташаккул додани фазои ягонаи таълимӣ ҳамчун муҳити низоми педагогӣ ба ҳисоб меравад. Дар умум, муассисаҳои таълимӣ низоми бутуни корӣ, низоми ягонаи педагогиро бо фарогирии зернизомҳои асосӣ (таълим, корҳои беруназсинфӣ, таҳсилоти иловагӣ) ва равандҳои тарбиявиеро, ки дар онҳо ба амал меоянд, дар бар мегирад.

3. Дар диссертатсия муайян карда шуд, ки муносибати инфиродӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини такмили методологияи таълими хонандагони болаёқат дар системаи таҳсилоти иловагӣ мебошад ва дигар.

Дар охир тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал пешниҳод гардид.

Ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардиданд ва ба саволҳо ҷавобҳои мувофиқ дода шуд.

**Сухан ба роҳбари илмӣ Азизӣ Муҳаммадалӣ дода мешавад (тақриз замима мегардад).**

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ***:* Дар баромад муқарризони кори диссертатсионӣ Каримзода М. - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Давлатшоев И. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, Ҷонмаҳмадова Г., Хасанзода Ю. дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷоми ислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Нурматова Н.Л. дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” кори мустақилона бaaнҷомрасида, ҳисобида шуда, ба ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ мебошад.

2 Ба диссертант Нурматова Н.Л. супориш дода шавад, ки дар мӯҳлати муайян ҳамаи пешниҳоди муқарризони расмӣ ва ғайрирасмиро мавриди баррасӣ қарор дода, тағироту иловаҳоро ба рисола ворид созад.

3. Дар маҷмӯъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд - 8 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» - 7 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ, профессор мудири шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Иматзода Л.

Котиби ҷаласа, ходими илмии шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳасанзода Ю.

Имзои Иматзода Л. ва Ҳасанзода Ю. тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО